«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
«____» ______________ с.2025

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рисолаи илмӣ дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои рисолаи илмӣ Зарифзода Моҳира Зариф унвонҷӯи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Зарифзода Моҳира Зариф 27 июни соли 1988 дар ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Соли 2017 ихтисоси танзими давлатии иқтисоди миллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (олмонӣ) дар таърихи 15.11.2023 бо баҳои 4 «хуб», аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 25.09.2024 бо баҳои 4 «хуб» ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 07.05.2025 бо баҳои 5 «аъло» супоридааст.

Роҳбари илмӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии ДМТ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Маҷидзода Давлатбахт Маҷид маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва кафедари идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 07 октябри соли 2025 бо суратҷаласаи №3 муҳокима гардид. Дар ҷаласа ба

ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин баромад карданд:

1) Раҳимзода Ҳ.Р. - д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ;

2) Искандарзода Ҳ.Ҳ. - н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ;

3) Тағоев Б.Д. – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ.

Тақризҳои муқарризон дар ҳуҷҷатгузории кафедра маҳфуз ҳастанд. Ҳамчунин, ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ дар ҷаласа д.и.и., профессор Ҷабборов А., д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. ва д.и.и., профессор Амонова Д.С. баромад карданд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои рисола.** Рисолаи илмии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» яке аз муаммоҳои муосири илми иқтисоди ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон бо забони илмии тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Аз тақризу муҳокимаҳо бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалитноки илм.** Таҳқиқоти илмии номбурда бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 анҷом дода шуда, ба Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ

ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад.

3. **Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.** Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию услубӣ, ки нақши худро дар илми иқтисоди кишвар мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

4. **Дараҷаи илмии таҳқиқот.** Асосҳои назариявию усулии таҳқиқотро таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, аз ҷумла таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, алалхусус дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили ҳодисаҳои иқтисодӣ **усулҳои таҳқиқоти** мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, таҳлилу синтез, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии рисолаи таҳқиқотӣ дар фарогирӣ ва тавсифи муқаррароти алоҳидаи назариявӣ, консепсияҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ҳамчунин, муайянсозии самтҳои асосии такмили танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, дар шароити тағйирёбанда ифода меёбад.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои он дар бандҳои зерин иншо шудаанд:

- назарияҳои намояндагони классикӣ ва муосири илм оид ба таҳаввули назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва нақши давлат дар инкишофи ин муносибатҳо дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Асоснок карда шудааст, ки сарҳадҳои танзими давлатии фаъолияти иҷтимоӣ - меҳнатӣ, аз як тараф, тибқи талаботи густариши содироти миллӣ ва рушди шаклҳои ҳамкориҳои

байналмилалӣ ва аз тарафи дигар, мувофиқи қоидаҳои созмонҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад.

- мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигаргунсозии иқтисодиёти миллӣ ошкор гардида, самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳимтарин ассотсиатсияи интегратсионӣ дар фазои ИДМ, ки барои истифодаи суръатбахши иқтидори он баҳри таҳким бахшидан ба ташкил ва офариниши механизмҳои зарурии бозорӣ дар кишвар бо инфрасохтори муосири рушдёфта асоснок шудааст.

- асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мафҳуми "меҳнати озод" маънои классикии худро гум кардааст ва онро ҳамчун раванди иҷтимоиёти "танзимшаванда" тасвир намудан лозим аст.

- самтҳои асосии афзалиятноки танзими равандҳои ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои истеҳсолии байналхалқӣ дар доираи ИДМ, махсусан бо шарикии асосии Федератсияи Россия муайян карда шудаанд, ки дар онҳо ҳадафҳои стратегии рушд дар сатҳҳои микро ва макроиқтисодӣ, ки такомули мутақобилаи сохторҳои иқтисодии кишварҳо ва болоравии иқтисодиёти миллиро дар назар доранд, бояд муайян гарданд.

- самтҳои асосӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити тағйирёбӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо ихтисоси интихобшуда.** Рисолаи илмии Зарифзода М.З., дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии

иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии ҳайати шахсӣ ва ғайра); 5. Низоми муносибатҳои «инсон – истеҳсолот»; қонуниятҳо ва тамоюлоти нави ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодаи нерӯи корӣ; механизми баланд бардоштани самаранокии онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ; роҳҳои истифодаи самараноки ҷойҳои кории мавҷуда ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии "Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисоди ҷаҳон", "Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ", "Танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ", "Танзими давлатии иқтисодиёт" истифода бурда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои муҳимми рисолаи диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза пешниҳод карда шудаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2017-2024, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дар дигар институтҳои илмӣ-таҳқиқоти рӯйи чоп омадаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 10 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт бо фарогири 285 номгӯй таркиб ёфта, 181 саҳифа матни асосӣ, 9 ҷадвал, 3 расм, 5 диаграммаро дар бар мегирад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Зарифзода М.З. Танзими раванди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар доираи навовариҳои илмӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2025. - № 6. - С.113-120. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Иноятова М.З. Таҳлил ва баҳодиҳии динамикаи рушди муҳити иҷтимоӣ дар доираи омӯзиши соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. - №3 (58). – С.131-138. ISSN 2308-054X.

[3-М]. Маҷидзода Д.М., Искандаров Ҳ.Ҳ., Иноятова М.З. Нақши инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсонӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2024. - № 6.-Қ.1.- С.75-82. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Иноятова М.З., Мафҳум ва моҳияти муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2023. - №11 – С.49-56.

[5-М]. Иноятова М.З., Маҷидзода Д.М. Асосҳои назариявӣ ва методологии шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №3. - С.67-73.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидааст:**

[6-М]. Иноятова М.З. Рушд ва ташаккулёбии шуғли аҳолӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Арзёбии саноатикунонии босуръати истеҳсолоти агросаноатии кишвар», (11-уми октябри соли 2024). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2024. – С.264-274.

[7-М]. Иноятова М.З. Равандҳои муосири шуғлмандии аҳолӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии ташаккули низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 22 декабри соли 2023). – Душанбе, 2024.- С.119-131.

[8-М]. Маҷидзода Д.М., Иноятова М.З. Шуғли аҳолӣ ва таҳлили он дар дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ// Конфренсия байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Саноаткунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон" (ш.Душанбе, 17 феврали соли 2023). – Душанбе 2023. – С.167-173.

[9-М]. Иноятова М.З. Принсипҳо ва хусусиятҳои функсионалии инкишофёбии бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (22- юми ноябри соли 2022) - Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.128-133.

[10-М]. Иноятова М.З. Танзими давлатии шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (22- юми октябри соли 2021) - Душанбе, Матбааи ДМТ, 2021. – С. 43-53.

**ҚАРОРИ ҶАЛАСАИ КУШОДИ КАФЕДРАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ВА БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ ВА КАФЕДРАИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

1. Рисолаи илмии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод гардидааст, ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ вогузор карда шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с/м № 2, аз 07.10.25) иштирок намуданд: – 22 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд: 19 нафар. Барои пешниҳод ба Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 –Иқтисодиёти меҳнат овоз доданд: тарафдор – 19 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

**Раисикунанда:**
д.и.и., профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ факултети иқтисод ва идораи ДМТ — Раҳимзода Ҳ. Р.

**Котиб:**
н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ — Давлатов С.Н.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.
«09» 10 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**Суроғаи Донишгоҳ:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734020, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (+992-37) 221-77-11. Факс (+992-37) 221-48-84.
E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com.